# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзуи «Ташаккули хислатҳои тахаммулпазирии хонандагон дар раванди таълими осори классикон (дар заминаи эҷодиёти Саъдӣ, Румӣ ва Ҷомӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва тахсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.**

Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки бар асари бархурди унсурҳои фарҳангӣ, муҷодалаи падидаҳои мухталиф ва таъсири афзуни онҳо тафаккури маънавию ахлоқии инсоният низ коҳиш мeёбад, ниёзмандии бештар барои ҷустуҷӯи роҳу равишҳои такмили низоми ахлоқи инсонӣ ва ташаккули хислатҳои ҳамида дар вуҷуди наслҳо ба вуҷуд меояд. Илми педагогикаи муосир аз муассиртарин равишро дар шароити кунунӣ истифодаи мероси маънавии бузургони адабиёти гузаштаву имрӯзаи мо дар раванди тарбияи насли наврас муқаррар намудааст, ки ҳамакнун як самти муҳими пажӯҳишҳои илмҳои педагогиро низ ба вуҷуд овардаанд. Диссертатсияи номзадии Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзӯи «Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон дар раванди таълими осори классикон (дар заминаи эҷодиёти Саъдӣ, Румӣ ва Ҷомӣ)» яке аз чунин таҳқиқоте ба шумор меравад, ки маҳз бо мақсади пешниҳоди равишҳои муассир ва матлуби корбурди осори намояндагони барҷастаи адабиёти классикии форсу тоҷик дар ҷараёни таълими хониши адабӣ бо мақсади ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирӣ таълиф гардидааст. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб ва 6 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст.

Дар заминаи ошноӣ бо санадҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки низоми маориф, хоса раванди тарбияро дар зинаҳои таҳсилот фаро мегиранд, инчунин ҳуҷҷатҳои муҳими созмонҳои умумиҷаҳонӣ, ки низоми ахлоқи башариятро аз ҳар ҷиҳат ба танзим медароранд, диссернант зарурати илмиву амалӣ ва ҳуқуқии таҳқиқи мавзуъро дақиқу аниқ муқаррар намуда, ба таври равшан баён доштааст,

ки илми педагогикаи муосир барои омӯзиш, баррасиву пажӯҳиш ва татбиқи амалии мероси ниёкон дар раванди тарбияи инсони имрӯз ниёзи афзун дорад. Аз ин нигоҳ, мавзӯи интихобшуда аз тозагиҳои муайяне бархурдор аст, ки самараҳои он ҳам барои идомаи таҳқиқоти ҷудогонаи мавзуъ ва ҳам татбиқи натиҷаҳо ба даст омада барои тарбияи насли имрӯз дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва донишкадаву донишгоҳҳо муфид мебошад.

Дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ низ илми ватаниву хориҷӣ ба таври зарурӣ ва дар сатҳи матлуби илмӣ таҳлилу баррасӣ шудааст. Диссертант муҳимтарин корномаҳои илмии донишмандони тоҷик, хоса муҳаққиқони риштаи педагогика ба анҷомрасонидаро дар мавриди худи мафҳуми таҳаммулпазирӣ ва моҳияти фалсафиву иҷтимоӣ ва тарбиявии он ба риштаи таҳлил кашида, зимнан ба сатҳи нокофии таҳқиқоти дар ин арса ба анҷомрасида ишорат ҳам намудааст.

Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот ба таври мушаххас баён гардида, дурнамои анҷоми баррасиҳои илмӣ ба сурати тавсияҳои амалӣ низ баён гардидаанд, ки худ аз худ аҳамияти назариву амалии пажӯҳиши анҷомёфтаро муқаррар месозанд. Ҳамзамон, асосҳои методологии таҳқиқот ва марҳилаҳои анҷоми он, ки ҳудуди солҳои 2017-2021-ро фаро мегиранд, дар сатҳи зарурӣ ва бо нишон додании корҳои дақиқан бар асоси мутолеаи осори бадеӣ ва таҷрибаҳои амалии гузаронида дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Хуҷанд, ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров, Ҷаббор Расулов ва Спитамен ҳамчун базаи тадқиқоти илмӣ шарҳу тафсир ёфтаанд.

Аз пажӯҳиши анҷомдодаи диссертант равшан ҳувайдост, ки бори аввал дар заминаи таҳқиқоти мазкур масъалаи ташаккул ва тарбияи таҳаммулпазирӣ дар ниҳоди хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар асоси таълими адабиёти тоҷик дар курси хониши адабӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Диссертант дар асоси таҳқиқоти анҷомддодаи хеш нахуст кӯшидааст, ки маводи китобҳои дарсии адабиёти тоҷик барои синфҳои V-VII-ро аз нигоҳи

фарогирии мазмунҳои талқин ва ифодакунандаи таҳаммулпазирӣ коркард намуда, равишҳои таълими онҳоро ба хонандагон пешниҳод намояд. Дар баробари ин, шеваҳои матлуби истифодаи осори намояндагони барҷастаи адабиёти классикии тоҷик, чун Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Мавлонои Балхӣ ва дигарон дар ҷараёни таълими адабиёти тоҷик, инчунин курси хониши бадеӣ бар асоси таҷрибаҳои гузаронидаи муаллиф дар мактабҳои озоишии худ пешниҳод гардиданд, ки дорои аҳамияти муҳими тарбиявӣ мебошанд. Шаклу шеваҳои таълими мавзуъҳои марбут ба мероси ин суханварон, хоса таҳлили ҳикоёт аз «Бӯстон»-и Саъдӣ, «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ, ки тавассути шарҳи маъноии калимот ва мазмуни ҳар як байт сурат гирифтааст, барои ташаккули таҳаммулпазирӣ ва завқи зебоишиносӣ дар ниҳоди мактаббачагон ҷолиби таваҷҷуҳ буда, на танҳо барои хонандагон, балки чун раҳнамо барои омӯзгорон, воситаи тарбиявӣ ба ҷавонону наврасон низ хидмат мекунанд. Махсусан, дар шароити имрӯза, ки аз ҷониби давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар сатҳи баланд тарғиб намудани мероси арзишманди Мавлонои Балхӣ талқин шуда, бо пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бузургдошти Мавлоно дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фарогирии баргузории маҳфилҳои “Мавлавихонӣ” дар мактабу донишгоҳҳо роҳандозӣ гардидааст, пешниҳодоти диссертант дар самти равишҳои таълими ҳикоятҳо аз “Маснавии маънавӣ” қобили таваҷҷуҳ буда, ба тарбияи таҳаммулпазирӣ дар вуҷуди наслҳои муайян муфид мебошанд. Тавсияҳо барои хониши беруназсинфӣ, беруназмактабӣ ва пешниҳоди мушаххаси онҳо тавассути ҷадвалҳо, ки аз рӯи таҷрибаҳои гузаронидаи муаллиф ҳосил шудаанд, ҳам арзиши муҳими амалӣ доранд ва ҳам барои истифодаи босамари омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷики мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муфид мебошанд. Ҳамчунин, таҷрибаҳои гузаронида дар заминаи таҳқиқот муайян кардаанд, ки ҷалби хонандагон ба ба хонишҳои беруназсинфӣ дар асоси осори

классикони адабиёти форсу тоҷик дар ҳақиқат шавқу рағбати онҳоро ба мутолеаи мероси ниёкон афзун гардонида, дар баробари ин ба тафаккури ахлоқии онон низ таъсири матлуб мегузорад. Равишҳои мазкур маҳдуд ба такмили равандҳои таълимиву тарбиявӣ набуда, балки афзудани рағбати хонандагон ба мутолеаи осори ниёкон дар умум шавқу завқи китобхонии онҳоро низ боло бурда, имконият медиҳад, ки дар озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" ва дигар озмунҳои китобхонӣ, ки пайваста доир мешаванд, омодагии ҳамаҷониба дида, аз ин роҳ дигар ҷанбаҳои маънавиву ахлоқии шахсияти худро такмил диҳанд.

Хулосаҳои илмии рисола, ки дар банд манзур шудаанд, муҳимтарин натиҷаҳои аз анҷоми як пажӯҳиши дорои ҷанбаи амалӣ анҷомёфта ба дастомадаро фаро мегиранд. Диссертант ба таври дақиқу мушаххас аз рӯи таҷрибаҳои амалии гузаронида дар мактабҳои озмоишӣ тавассути истифодаи мероси ниёкон, хондани ҳикоёти алоҳида ва мутолеаи асарҳои ҷудогона ба натиҷаҳои аниқу дақиқ расидааст, ки усули мазкур ҳам барои тарбияи таҳаммулпазирӣ ҳамчун як фазилати нодири ахлоқӣ мусоидат менамояд ва ҳам завқи зебоишиносӣ, шавқу рағбати китобхонӣ, такмили донишу маърифати хонандагонро баланд бардошта, онҳоро ба роҳи расидан ба муваффақиятҳои зиёди шахсӣ, гурӯҳӣ ҳидоят мекунад, ки ин дастовардҳо омили маҳбубият ва нуфузу обрӯи мактаби онҳо низ мегардад.

Дар баробари дастовардҳои назаррaси илмиву амалӣ дар диссертатсия баъзе норасоиҳои ҷузъӣ низ ҷой доранд, ки зикри бархе аз онҳо ба ҳукми пешниҳод мувофиқи мақсад аст:

1. Дар диссертатсия баъзе намунаҳои ашъор дар асоси матнҳое оварда шудаанд, ки дар онҳо ғалатҳо ҷой доранд. Хуб мешуд, диссертант, ки худ дониши хуби филологӣ дорад, шакли дурусти мантҳои мазкурро низ пешниҳод намояд, то фаҳми матлабу мантиқи сухан барои хонандагон низ дуруст гардад. Дар ин ҳолат тавсияҳои пешниҳодшуда ба омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷики мактабҳои миёна низ қобили аҳамият хоҳанд буд.

2. Дар феҳристи адабиёти истифодашуда низ баъзе камбудиҳо ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо ба салоҳи кори муаллифи диссертатсия мебошанд.

Маҷмӯи ин эродҳо хислати тавсиявӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Ба таври куллӣ метавон изҳор дошт, ки Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзӯи «Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон дар раванди таълими осори классикон (дар заминаи эҷодиёти Саъдӣ, Румӣ ва Ҷомӣ)» кори анҷомёфта ба шумор меравад ва он ба талаботи Комиссияи Олии Аттетсатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01.- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ, барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсонии 6D-KOA-026 назди МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" тавсия мешавад.

**Муқарриз**
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи адабиёти классикии
тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» **Нуров Н. Н.**

**Маълумот барои тамос:** 735700, ш. Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел: 92 8763797; nurali74@mail.ru

***Имзои Н.Н.Нуровро тасдиқ мекунам.***

Сардори РК ва КМ Муассисаи давлатии
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров" **Наврузов Э.М.**